**ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА
НОМИ ШИРИНШО ШОТЕМУР**

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 338.45:(575.3)
ТДУ:338.45:(575.3)
ТКБ 65.9 (2) 35 (2 тоҷик) Қ – 85

**РУСТАМҶОНИ САЙДУЛЛОИ ҚУЗРАТЗОДА**

# РАВАНДҲОИ ИҚТИСОДИЮ ИСТЕҲСОЛИИ ЛАБЛАБУИ ҚАНД ВА КОРКАРДУ САНОАТИКУНОНИИ ОН

( дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02-Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

Данғара – 2022

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодӣ ва рушди сайёҳии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Самандаров Искандар Ҳусейнович– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** Умаров Ҳоҷимаҳмад Умар–доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи географияи ихтисоси сайёҳии кафедраи молия ва иқтисоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шоазизова Маҳбуба Дустмуродовна – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи Омӯзиш ва мониторинги амнияти озуқаворӣ Иниститути иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоваарзии Академияи Иилмҳои Кишоварзии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳимоя рӯзи «11» марти соли 2023, соати 9:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-16 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146, E- mail: Olimov-1976@ mail.ru) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур www.tajagroun.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _________соли 2022 фиристода шуд.

Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити ҳозираи мураккаб ва фавқулодаи иқтисодии ҷаҳон муайян кардани тараққиёти ҷаҳон, муайян кардани стратегияи тараққиёти иқтисодиёти миллӣ осон нест. Дар ин росто пешниҳоди Пешвои миллат, асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи захираи дусола, на танҳо ба аҳолии мамлакат, балки ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат вобаста мебошад.

Чунонки маълум аст, дар ҷаҳон ягон мамлакате нест, ки тамоми мол, кор ва хизматрасониро барои пурра қонеъ гардонидани бозори дохилӣ истеҳсол карда тавонад. Бо дарназардошти ин ҳолат, сохтори раванди истеҳсолии давлатҳои ҷаҳон дар асоси захираҳои истеҳсолии дар ихтиёрдоштаашон, аз ҷумла ҷузъҳои табиӣ, зеҳнӣ, меҳнатӣ ва дигар манобеъҳо бо назардошти шароити табиию иқлимӣ сохта мешавад. Зимнан, дар ҷаҳон ягон кишвари мустақили мутлақи иқтисодӣ вуҷуд надорад ва аз ин лиҳоз, таъмини амнияти иқтисодӣ ва озуқавории кишвар, пеш аз ҳама, кам кардани ҳаҷми маҳсулоти озуқавории воридотӣ барои пур кардани бозори истеъмолии дохиларо зарур мебошад. Чуноне маълум аст, ин гуна вазифа бо як роҳ ҳал карда мешаванд: бо роҳи дар ватан ва ба нархи арзонтар фурӯхтани молҳои воридотшаванда, вагарна ин гуна гузоштани вазифаҳо тамоми мазмуни иқтисодиро гум мекунад.

Яке аз чунин маҳсулот барои кишвари мо шакар аст, ки ҳаҷми воридоти он солона 165 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Таҳлили имконияти истеҳсоли қанд дар кишвари мо бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ, яъне лаблабуи қанд, махсусан дар шароити географӣ ва табиии вилояти Хатлон, аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқи мақсад будани истеҳсоли қандро дар мамлакати мо нишон медиҳад.

Бо дарназардошти ҳолати зикршуда мавзуи таҳқиқоти илмии кори диссертатсионӣ таҳлили имкониятҳои иқтисодии ташкил ва тадбиқи фаъолияти самараноки корхонаи истеҳсоли шакар бо истифода аз лаблабуи қанд ва маҳсулоти нимтайёр барои истеҳсоли шакар дар шароити вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиятбахш мебошад

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Дар пешрафти самаранокии лаблабуи қанд ва истеҳсоли шакар таҳқиқоти зиёди олимони Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон (танҳо самаранокии лаблабуи қанд) ва кишварҳои дигари ҷаҳон кору фаъолият бурдаанд, истифода шудааст. Дар рушди корҳои илмию таҳқиқотӣ дар самти истеҳсол ва коркарди лаблабуи қанд саҳми олимон, ба монанди Апасова И. В., Белкина Р.Е., Белоусова В.М., Власова Т.А., Выдрина О.Н., Жужжалова Т.П., Кузина А.Ф., Сапронов А.Р., Седых Н.В., Черников, Е.И. ва дигарон калон аст. Онҳо дар мавзуъҳои гуногуни самаранокии лаблабуи қанд, истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ва технологияи он кору фаъолият намудаанд.

Аз олимони тоҷик низ дар мавзуъҳои гуногуни самаранокии лаблабуи қанд, фаровонгардонии ҳосил, истеҳсоли хӯроки ширадор аз лаблабуи қанд ва хӯроки чорво

таҳқиқот бурдаанд. Бештари ҷанбаҳо ва мушкилоти дар ин самт ҷойдошта дар корҳои Мирзоалиев С., Қодиров Ҳ.А., Раҳматов А.Ҳ., Евлаков П.М., Қараев А.Б., Сардоров М.Н., Орипов С. ва ғайра хуб дарҷ гардида, ҳалли худро ёфтаанд.

Аз сабаби баҳсбарангез будани масъалаҳои ташкил ва идоракунии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва истеҳсоли молҳои саноатӣ, аҳаммияти он дар қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ба молҳо ва хизматрасониҳо дар иқтисоди мамлакат, асоси интихоби мавзуи диссертатсия мебошад. Инчунин, дар диссертатсия на танҳо ташкили корхонаҳои истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд, инчунин боиси рушди бозори истеъмолӣ ва бахусус рушди корхонаҳои саноатӣ, дида баромада шудаанд.

Дар омӯзиши масъалаҳои бозори истеъмолӣ, махсусан ташкил ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ (тиҷоратӣ, фаъолияти маркетингӣ, молию пулӣ ва ғ.) иқтисодшиносони зерин: Выдрина О. Н., Калиничева Е. Ю., Магомедов Г. О., Пахомов М.А., Сабетова Л. А., Святова О.В., Серёгин С. Н., Сидак М. В., Чухраев И. М. ва дигарон пешсафанд.

Аз сабабе, ки корхонаи истеҳсолии шакар аз лаблауи қанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал ташкил мегардад, омӯзиш ва таҳлили рушди корхонаҳои саноатӣ бениҳоят муҳим мебошад. Дар омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои алоқаманд ба ташкил ва рушди корхонаҳои саноатӣ олимони ватанӣ низ саҳми назаррас гузоштаанд. Чунончи, масъалаҳои самтҳои алоҳидаи рушди корхонаҳои саноатӣ, мушкилоти соҳа дар таҳқиқоти илмии Амонов С.Н., Ғаниев Т., Давлатзода Қ., Дадоматов Д., Ҷамшедов М., Қаюмов Н., Қаюмова Ф., Комилов С., Комилов А.Ф., Низомова Т., Назаров Т.Н., Обидов Ф., Раҳимов Р.К., Рауфӣ А., Раҳимов Ш., Ризоқулов Т., Саврдоров М.Н., Улмасов Р., Умаров Х., Файзуллоев М., Ҷӯраева А., Ҳабибов С., Юсупов Х. ва дигарон ба таври васеъ инъикос гардидааст.

Дар дастовардҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ масъалаҳои муҳимми истеҳсоли лаблабуи қанд ва коркарду технологияи, равандҳои ташкили корхонаҳои саноатӣ ва инчунин, мушкилоти он пурра шарҳ додашудаанд. Масъалҳои муҳимму дигаре, ки дар шароити имрӯз ба вуҷуд меоянд, истеҳсол намудани молҳои ватанӣ бе вобастагӣ аз дигар давлатҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, дар кори диссертатсионӣ таърихи пайдоиш, нигоҳи илмию андешаҳои олимон, таҷрибаҳои дигар давлатҳое, ки ин маҳсулотро истеҳсол менамоянд, таҳлилу пешниҳодҳо ва инчунин, таҷрибаҳои саҳроӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар (махсусан, вилояти Хатлон) оварда шудааст, ки боиси баҳси муаммои имрӯза мебошад.

Баҳсбарангез будани масъалаҳои ташкил ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ, ба монанди истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд, аҳаммияти он дар қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ба молҳо ва рушд додани дигар соҳаҳои гуногуни саноат ва кишоварзӣ, асоси интихоби мавзуи диссертатсия, объекти таҳқиқотро муайян карда, таҳияи ҳадаф ва вазифаҳои корро муайян намуданд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсияи мазкур вобаста ба самтҳои асоссии таҳқиқоти бунёдию амалӣ ва стратегияҳои қабулгардидаи давлатӣ, аз ҷумла «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми марти соли 2018, таҳти №159, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2016, таҳти №392, «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми марти соли 2019, таҳти №128, «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷум-ҳурии Тоҷикистон» аз 27-уми майи соли 2020, таҳти №293, тасдиқ шудаанд, мутобиқ мебошад. Инчунин, дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (21.12.2021) ва эълон гардидани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» мувофиқат менамояд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти илмии иҷрошуда коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ доир ба такмили ташкил ва идоракунии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла, корхонаи истеҳсолии шакар аз лаблабуи қанд мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Омӯзиши назариявӣ ва гузаронидани ташхису таҷрибаҳо, аз амалияи истифодабарии дигар давлатҳо омӯхтан ва пурра аниқгардонии самаранокии лаблабуи қанд ва аҳаммияти он барои аҳолӣ ва рушд намудани соҳаҳои дигари саноат ва кишоварзӣ мегардад.

Барои ноил гардидан ба ҳадафи мазкур ҳалли вазифаҳои гузошташуда таҳқиқи пурраи масъалаҳои зерин ба миён омад, аз ҷумла:

–асосноксозии заминаҳои назарявию методологии омӯзиши истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ва таъсири он ба иқтисодиёти миллӣ;

–омӯзиши таҷрибаҳои хориҷӣ ва имкониятҳои истифодаи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–муайян намудани омилҳои истеҳсол ва самаранок истифодаи лаблабуи қанд ҳамчун ашёи хом дар шароити вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–таҳлили вазъи кунунии таъмини техникӣ, технологӣ ва кадрии фаъолияти корхонаи истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ва баҳодиҳии арзиши истеъмолии маҳсулоти аз лаблабуи қанд ҳосилшуда;

–муайян намудани самаранокии иҷтимоиву иқтисодии раванди ташаккули истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ва ба роҳ мондани корхонаҳои истеҳсоли шакар дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–арзёбии дурнамои рушди истеҳсоли шакар дар қалам-рави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан, вилояти Хатлон.

**Объекти таҳқиқотро** соҳаи кишоварзӣ ва фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Мавзуи таҳқиқот** муносибат ва равандҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар ҷараёни ташаккул, рушд ва идоракунии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва таъсири он ба болоравии сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии аҳолӣ пайдо мегарданд.

**Фарзияи таҳқиқоти** илмии истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд боис мегардад, ки рушди истеҳсолоти саноати хуӯрокворию саноати сабук (соҳаҳои қаннодӣ, дорусозӣ, фармакологӣ, ташкили базаи хӯроки чорво) рушд намояд. Диссертатсияи мазкур метавонад ҳамчун лоиҳа ва ё бизнес-нақша барои соҳибкороне, ки мехоҳанд ба фаъолият оғоз намоянд, ҳамчун дастури тиҷоратӣ истифода гардад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Аз омӯзиш ва таҳлили адабиёти хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин, истифодаи назарияҳои исботгардидаи олимон, ки аз таҳия ва ҳалли вазифаҳои вогузоргашта иборат мебошанд, мавриди пажӯҳиш ва арзёбӣ қарор гирифтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Дар раванди таҳқиқот аз усулҳои умумӣ ва махсуси илмӣ арзёбии таҳлили муқоисавӣ, усули гурӯҳбандӣ, таҳлили оморӣ, таҳлили омилӣ ва амсиласозии математикӣ иқтисодӣ истифода шудаанд. Таҷрибаҳои гузаронидашуда, маълумоти пешниҳодшуда аз вазорату кумитаи оморӣ, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ, усулҳои муносиби коркарди омории натиҷаҳои пажӯҳишӣ ва нашрияҳо исбот карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

**Сарчашмаи маълумот**. Муаллиф аз хулосаҳо, назарияҳо, мавриди омӯзиш қарор гирифтани Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории ноҳия ва Агентии омори назди Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ ва инчунин, мавриди таҳлил гарифтани барномаҳои стратегии давлатӣ, маводи конфронсҳои илмӣ, монографияҳо, истифодаи мақолаҳои мутахассисону олимон истифода намудааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва рушди сайёҳии Донишгоҳи давлатии Данғара тайи солҳои 2018-2022 анҷом дода шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар илми иқтисодиёти кишварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон якумин маротиба дар соҳаи муаммоҳои ташкил ва ба роҳ мондани истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд таҳқиқоти илмӣ гузаронида шуда, навгониҳои илмии зерин ба даст оварда шудаанд:

– дар асоси таҳлили заминаҳои назариявию методологии омӯзиши истеҳсоли шакар, зарурати истеҳсоли он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуда, ишора ба он карда мешавад, ки ин дар раванди иҷрои нақшаҳои саноатикунонии босуръат дохил буда, ба таъмини коҳиши вобастагии иқтисодиёти мамлакатро аз маҳсулоти воридотӣ равона карда шудааст;

– дар заминаи омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи мамлакатҳои саноатии хориҷӣ ва муайян намудани имкониятҳои табиӣ, иқлимӣ ва ҷуғрофии вилояти Хатлон барои парвариши лаблабуи қанд ва истифодаи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–дар асоси таҳлили вазъи кунунии таъмини техникӣ, технологӣ ва кадрии фаъолияти корхонаи истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд, бо дарназардошти омилҳои истеҳсол ва самаранок истифодаи лаблабуи қанд ҳамчун ашёи хом аз ҷиҳати илмӣ дар шароити вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд;

– таҳлил ва хулосаи илмиву амалӣ доир ба таъмини техникӣ, технологӣ ва кадрии фаъолияти корхонаҳои истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд оварда шудааст;

– хусусиятҳои самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии раванди ташаккули истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ва ба роҳ мондани корхонаҳои истеҳсоли шакар дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин раванд ба вуҷуд омадани базаи фаровони хӯроки чорво ва самаранокии он дар шароити вилояти мазкур муайян шудаанд;

– зарурати роҳҳои истеҳсоли шакар дар асоси арзёбии дурнамои рушди истеҳсоли шакар дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан вилояти Хатлон, оварда шуда, таъсири дурнамои ин ҷараён ба дигар соҳаҳои хоҷагии халқ нишон дода шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– асосноккунии илмии заминаҳои назариявию иқтисодии фаъолият ва рушди идоракунии корхонаҳои саноатӣ;

– асосноккунӣ ва арзёбии омилҳои таъсиррасонанда ба вазъи воқеии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳия ва пешниҳод кардани моделҳои истеҳсолӣ барои корхонаҳои саноатии нав, ки боиси ба вуҷуд овардани молҳои воридотивазкунанда мегарданд;

– пешниҳод кардани таклифҳо ҷиҳати ташкили корхонаи истеҳсолии шакар ҳамчун маҳсулоти ниҳоӣ ва дар ин замина ташкили корхонаҳои нави дигар;

– асоснок намудани татбиқи низоми идоракунӣ ва воридоти технологияҳои наву замонавӣ барои рушди саноати мамлакат барои расидан ба ҳадафи чорум.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шуд, ки аз лаблабуи қанд на танҳо 15 дарсади қанд истеҳсол карда мешавад, инчунин, маҳсулоти иловагӣ, ба монанди таҳшиншудаҳо, патока ва фишурда ва барги тару хушк ҳамчун хӯроки асосии чорво гирифтан имконпазир мебошад, ки аз аҳаммияти калони иқтисодӣ дорад. Ба ғайр аз ин, маҳсулоти иловагие, ки баъди гирифтани қанд аз лаблабу ба вуҷуд меояд, имкони истифода намудан дар заминҳои кишоварзиро (таҳшиншуда, барги сабз ҳамчун нурии сабзи биологӣ) низ доро мебошад.

**Дараҷаи этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Бо истифода аз озмоишҳо, саҳеҳии маълумот, ҳаҷми кофии маълумоти таҳқиқоти пешниҳодгардида, маълумоти оморӣ,

инчунин, мақолаҳои чопгардида исбот мегардад. Хулосаву пешниҳодҳо ба таҳлилҳои назариявию амалӣ асос ёфта метавонад.

**Мутобиқи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Таҳқиқоти гузаронидашуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои он ба банди зерини ихтисоси 08.00.04.02-и "Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ" дар соҳаи "Иқтисодиёт, идоракунӣ дар соҳаи агросаноатӣ", рамзи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Илмҳои иқтисодӣ": 1. Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои КАС; 5. Хусусиятҳои хосси ташаккули пойгоҳи моддиву техникии комплекси агросаноатӣ (КАС) ва соҳаҳои он; 9. Самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳои КАС; 10. Асосноккунии пешгӯйӣ ва дурнамои рушди комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ; 21. Амнияти озуқавории мамлакат, оқибатҳои бухрони ҷаҳонии озуқаворӣ, ҷабҳаҳои аграрии воридшавии Тоҷикистон ба Ташкилоти Умумиҷаҳонии Савдо (ТУС); 33. Асосҳои ташкиливу иқтисодии тараққиёти корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; 47. Асосҳои иқтисодии самаранокии идоракунии нархгузорӣ дар корхонаҳо (хоҷагиҳои) кишоварзӣ мутобиқат менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар диссертатсия коркарди назариявӣ ва амалии истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд мебошад. Инчунин, муаллиф дар натиҷаи пешбурди кори диссертатсионӣ муайян намудааст, арзиши аслии шакари истеҳсолгардида паст мегардад, ки бо истифода аз 60 дарсади маҳсулоти хоми ватанӣ ва 40 дарсади маҳсулоти хоми воридотӣ самараноктар мебошад. Ин пешниҳоди мазкурро метавонад соҳибкорони ватанӣ барои фаъолияти тиҷоратӣ ба таври васеъ истифода баранд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърузаҳои аз тарафи муаллиф пешниҳодшуда дар конфронсҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, семинару конфронсҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2013-2021) муҳо-кима шудаанд.

**Интишор аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсияи муаллиф 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар 196 саҳифаи матни компютерӣ иншо гардида, аз сарсухан, се боб, хулосаву пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо 155 номгӯй, 15 ҷадвал, 5 расм, 6 диаграмма ва 5 замимаро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚ

**Мавод ва методҳои таҳқиқ.** Дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва оморӣ, усули банизомдарории ҷадвалӣ, таҳлили абстрактию мантиқӣ, усулҳои графикӣ, низоми нишондиҳандаҳои қаторҳои вақтӣ, усули муқоисаи оморӣ, усулҳои ояндабинӣ истифода бурда шудаанд.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок ва омӯзиши он тавсиф карда шудааст, ҳадафу вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян шуда, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои он мухтасар арзёбӣ гардидааст.

**Дар боби якум "Асосҳои назариявӣ ва методологии ташкили истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд"** асосҳои назариявии марҳалаҳои пайдоиши ташаккули истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд, методологияи омӯзиши истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ва таъсири он ба иқтисодиёти миллӣ ва таҳлили амалияи истеҳсолу истеъмоли шакар дар кишварҳои хориҷӣ ва имкониятҳои истифодаи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудаанд.

Дар диссертатсия муайян гардид, ки шакар маҳсулотест, ки дар зиндагии мардум мақоми хосса ва нақши муҳимро мебозад. Аз ҳамин лиҳоз, инсоният баъд аз фаҳмидани хосиятҳои фоидаовари истеъмолии шакар истеҳсоли ин маҳсулоти бениҳоят муҳимро ба роҳ мондаанд. Пеш аз истеҳсоли шакарро ба роҳ мондан, бояд ба саволе ҷавоб пайдо карда шавад, ки ширинӣ дар таркиби кадом маҳсулот ва то чӣ андоза мавҷуд аст? Дар натиҷаи таҳқиқот ва санҷишҳо муайян карда шуд, ки ширинӣ дар таркиби бисёр меваю сабзавот ва зироатҳо мавҷуд мебошанд. Аммо аз маҷмуи онҳо, мутахассисон муайян намуданд, ки шакарро аз ду навъи зироат: аз найшакар ва аз лаблабуи қанд истеҳсол кардан самаранок аст.

Маълум гардидааст, ки қанд маҳсулоти ниёзи аввалаи мардум буда, беш аз 95 дарсади онро карбогидрадҳо ташкил медиҳанд. Дар кори мазкур шакар ҳамчун моддаи сафеди майдаи дар ҳаҷми муайян фаҳмида мешавад, ки он дар феҳристи маҳсулоти хоҷагии халқ низ шакар (сахарный песок) номбар карда шудааст. Зери мафҳуми қандҳо маҳсулоти бо истифодаи шакар дар шаклҳо ва дизайнҳои гуногун сохташуда дар назар дошта мешавад ва дар феҳристи маҳсулоти истеъмолӣ қанди сафед ва конфетҳо оварда шудаанд. Қанди сафед танҳо барои истеъмолоти аҳолӣ пешбинӣ гардидааст, ки дуюмбора коркард карда намешавад. Шакарро бошад, дар соҳаи қаннодӣ истифода менамоянд, ки дар баъзе нишондодҳо дараҷаи баланд дорад.

Аз таърихи башарият ду мисол доир ба истеҳсоли шакар овардан мумкин аст, ки одамон аз замонҳои хеле қадим дар таҷрибаи зиндагии худ истифода мекарданд. Мисоли аввал ин аст, ки инсоният самаранокии истеҳсоли шакарро 2,0-2,5 ҳазор сол пеш муайян кардааст, ки дар таркиби найшакар мавҷуд мебошад. Мисоли дуюм он мебошад, ки баъд аз ду ҳазор соли дигар (баъди истеҳсол намудани шакар аз найшакар) муайян карда шуд, ки аз лаблабуи қанд гирифтани он низ самараи хуб дода метавонад. Бо вуҷуди оне, ки дар ин асрҳо технологияиҳои коркарди шарбатҳои гуногун аз меваҷот ихтироъ гардида буд, аммо дар тамоми дунё аз ин ду маҳсулот шакари тайёр ва нимтайёр истеҳсол менамуданд.

Бояд таъкид намуд, ки дар истеҳсоли шакар истифодаи найшакар бо сабабҳои гуногун *(ин сабабҳо дар зербобҳои оянда мухтасар оварда шудаанд)* сол то сол коҳиш ёфта истодааст. Масалан, агар дар охирҳои асри нуздаҳ ва аввали асри бист 85%-и

шакари дар ҷаҳон истеҳсол кардашударо аз найшакар гирифта бошанд, ин нишондод дар солҳои 2007 –2010 *(яъне дар аввали асри XXI)* 60%-ро ташкил дод. Сабабаш дар он мебошад, ки агротехнологияи коркарди киштзори лаблабуи қанд ва баланд кардани қанднокии лаблабуи қанд *(бо усулҳои дурагакунӣ)* имкон медиҳад, ки манфиатнокии шакари лаблабуи қанд нисбат ба найшакар зиёд бошад.

Исбот шудааст, ки аввалин маротиба ширинии дар таркиби найшакар бударо мардуми Ҳиндустон дар асри сеюми пеш аз милод пай бурда буданд. Баъдан Искандари Мақдунӣ ин рустаниро аз Ҳиндустон ба Юнону Мақдуния бурд ва истеҳсоли шакарро ба роҳ монд. Ин имкон дод, ки парвариши ин навъи маҳсулот низ дар минтақаҳои дигар низ ба роҳ монда шавад. Дар он маврид қанди истеҳсолнамударо "асали бе занбӯр" номиданд. Баъдтар найшакарро ба Африқои Шимолӣ, ба ҷазираҳои Ситсилия, Канария, Мадерия, Хазар дар асри XII, ба ақидаи баъзе олимон, мусалмонон бурдаанд. Дар асри XIV онро ба Русия, ба назди соҳили Волга ва сарзаминҳои назди Қафқоз мебаранд, вале он натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Аммо дар Амрикои Марказӣ найшакар бениҳоят мутобиқ шуда, ҳосили хуби шакар ба даст оварда шуд ва дар асрҳои XVI нархи ин доруи ширин коҳиш ёфт. Ин дар натиҷаи пайдоиши як секунҷаи истеҳсоли қанд (Аврупо, Африқо ва Амрико) ба вуҷуд омад. Дар ин маврид бештари мардуми африқоиро ба қитъаи Амрико барои кор кардан дар киштзорҳои найшакар мебурданд ва маҳсулоти истеҳсолнамударо ба Аврупо содирот менамуданд. Бештари ин фаъолиятро Британияи Кабир ба роҳ монда буд ва фоидаи бештар ба даст меовард. То ин дам истеҳсоли он дар дигар давлатҳои ҷаҳон паҳн нагардида буд.

Маълумот доир ба паҳншавии найшакар дар ҷаҳон дар як маврид набуда, он тайи якчанд сол тӯл кашидааст, чунки бештари ин давлатҳо аз манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии он хабар надошта буданд.

Истеҳсоли шакар аз лаблабуи қандро дар соли 1747 химики олмонӣ Андреасса З.М. кашф намуд. Ӯ аз лаблабуи одӣ як навъ маҳсулоти қандӣ гирифт. Якумин шуда, шогирди ӯ Франс Карл Ашар дар амалия кор карда, ҳаёти худро барои истеҳсоли ин маҳсулот гузаронид. Ҳамин буд, ки дар Олмон якумин заводи истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ба роҳ монда шуд. Баъди як сол дар шаҳри Алябево вилояти Тулаи Русия низ заводи коркарди қанд сохта шуд.

Дар Русия соли 1810 беш аз 10 заводи истеҳсоли шакар мавҷуд буд ва шумораи онҳо дар давоми охири асри XIX ва дар аввалаҳои асри XX зиёд гардид. Аз солҳои 1860 Русияи подшоҳӣ на танҳо тамоми мамлакати худро бо шакар таъмин менамуд, инчунин, имкони содироти ин навъи маҳсулоти истеъмолиро ба хориҷи кишвар пайдо намуд. Дар додугирифти тоҷирони Русия ва минтақаи Осиё Марказӣ (хонигариҳои Хӯқанд, Хева ва аморати Бухоро) шакар ва маҳсулоти қаннодӣ мавқеи махсусро дошт.

**Ҷадвали 1. -Солҳои паҳнгардии найшакар дар кишварҳои дунё**

| № | Номгӯйи мамлакатҳо | Солҳои паҳнгардӣ |
|---|---|---|
| 1. | Аз Аврупо ба Амрико, ҷазираи Антилский (Нед.) | 1492 |
| 2. | Бразилия | Асри XVI аниқ мавчуд нест |
| 3. | Мексика | 1520 |
| 4. | Гавана | 1600 |
| 5. | Ҷазираи Мартиника (Фаронса) | 1650 |
| 6. | Ҷазираи Маврики (Фаронса) | 1750 |
| 7. | Дар тамоми Амрикои Лотинӣ | Охири асри XVIII |

***Сарчашма:** Сомонаи интернетӣ – http.org/wiki/Сахарная свекла.*

Дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ дар соли 1921 истеҳсоли шакар ҳаҷми 96% насбат ба соли 1913–ро ташкил намуд. Танҳо дар соли 1927 ин нишондиҳанда зиёд гардид (дар давраи НЭП). Мутахассисони Шуравӣ дар ин самт талошҳои зиёд варзида, навъҳои беҳтари лаблабуи қандро кор карда баромаданд. Ҳосилнокии лаблабуи қанди Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1935 хеле баланд гардида дар мобайни кишварҳои истеҳсолкунандаи шакар мавқеи аввалро ишғол намуд. Ҳамзамон, соли 1940, дар кишвари Шуравӣ 211 заводи истеҳсоли шакар фаъолият дошта,  истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд 2,17 млн тонна буда, ин нишодиҳанда 19 дарсади маҷмуи истеҳсоли ҷаҳонии шакарро ташкил медод.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи ба роҳмонии истеҳсоли шакарро дар соли 1985 дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ (ноҳияи Колхозободи пештара) муайян карда буданд. Аммо аз сабаби амалӣ нагардидани нақшаи панҷсолаи дувоздаҳум ва номукамал гардидани сиёсати дохилӣ ин лоиҳа амалӣ нагардид. Қайд кардан лозим аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона давлатест, ки дар байни давлатҳои Иттиҳодияи Шуравӣ корхонаи коркарди шакар надорад.

Тибқи маълумоти Агентии омори дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2019 маҳсулоти ғизоӣ чоряки ҳиссаи воридоти Тоҷикистонро ташкил медод. Мусаллам аст, ки чунин вазъ боиси вобастагии иқтисодиёти кишвар аз маҳсулоти воридотӣ мегардад. Ин дар навбати худ ҷараёни идоракунӣ ва ба танзимдарории нархҳои маҳсулотро дар бозори дохилии истеъмолӣ душвор мегардонад ва одатан, ба болоравии нархҳои молҳои воридотӣ оварда мерасонад.

Дар диссертатсия ошкор карда шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мо имконияти истеҳсол намудани шакари ватаниро дорем. Барои ба роҳ мондани он ҳатман се омил асосӣ мебошад, ки чунинанд:

1. Майдони кишти лозимӣ барои ба роҳ мондани парвариши лаблабуи қанд *(бо дарназардошти оне, ки кишти дигар зироатҳоро аз байн набарем).*

2. Баъдан истеҳсол намудани миқдори лозимии лаблабуи қанд барои истеҳсоли шакар. Лаблабуи истеҳсолнамудаи мо ҳатман ба стандарти 1722-85 *(ба монанди стандарти лаблабуи истеъмолӣ)* ҷавобгӯй бошад [69, с. 30].

3. Сармояи лозима барои харидани техника ва технология. Инчунин, барои пурра фаъолият намудани корхонаи истеҳсолии шакар аз лаблабуи қанди дар минтақаи муайянгашта (вилояти Хатлон).

Дар боби дуюм **"Таҳлили иқтисодию ташкилии истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд дар шароити муосир"** омилҳои истеҳсол ва самаранок истифодаи лаблабуи қанд ҳамчун ашёи хом, таъмини техникӣ, технологӣ ва кадрии фаъолияти корхонаи истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ва таҳлил ва арзёбии арзиши истеъмолии маҳсулоти аз лаблабуи қанд ҳосилшуда дар вилояти Хатлон дарҷ гардидаанд.

Мусаллам аст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани истеҳсоли шакар асосан бо истифодаи лаблабуи қанд ба амал бароварда мешавад ва дар таносуби ашёи дигар, яъне бо шакари нимтайёр, суботкорона гуфтан мукин аст, ки чӣ қадар лаблабуи қанд бисёр истифода карда шавад, ҳамон андоза самаранокии корхонаи истеҳсоли шакар зиёд мешавад. Яъне, агар дар корхонаи истеҳсоли шакар 100 дарсад лаблабуи қанд ҳамчун ашёи хом истифода гардад, самаранокии он аз ҳама баланд хоҳад шуд.

Омӯхтани амалияи истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд дар давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки лаблабуи қанд аз авлоди Beta vulgaris L.V. saccharifera мебошад. Ин зироати муҳимтарини техникии ҳаматарафа истифодашаванда аст. Бехмеваи он барои истеҳсоли қанд ашёи хоми асосӣ мебошад. Дар он то 22 – 25% моддаҳои хушк ва 15-20% қанд ғун мешавад.

Шароити иқлимӣ ва географии Тоҷикистан имконият фароҳам меорад, ки корхонаи шакарро дар давоми шаш моҳ бо ашёи маҳаллӣ, яъне бо лаблабуи қанд таъмин карда шавад *(дар зербоби оянда ин масъала мухтасар таҳлили худро ёфтааст)*. Чӣ тавре дар боло зикр гардид, корхона бо иқтидори миёнаи истеҳсоли 500 тонна шакар ё ин ки коркарди 3500 тонна коркарди лаблабуи қанд дар як шабонарӯз бояд сохта шавад. Яъне дар ҳолати фаъолияти корхонаи истеҳсоли шакар дар муддати 180 рӯз бо истифодаи лаблабуи қанд ашёи хом лаблабуи қанд 630 000 тонна лозим мешавад *(дар рӯзҳои боқимондаи сол корхона бо ашёи хоми дигар шакари нимтайёри воридотӣ фаъолият карда метавонад)*.

Бояд гуфт, ки дар шароити вилояти Хатлон самаранокии зироати лаблабуи қанд беш 500 сентнер *(яъне зиёда аз 50 тонна)* аз як гектар мебошад, ин 200–250 сентнер барги сабз ё 7–8 ҳазор воҳиди хӯроки чорворо ташкил медиҳад.

Таҳқиқоти дар диссертатсия гузарондашуда нишон доданд, ки самаранокии нишондодашударо дар ноҳияҳои Данғара, Фархор, Восеи вилояти Хатлон ба даст овардан мумкин аст ва барои таъмини фаъолияти як корхонаи истеҳсоли шакар аз

лаблабуи қанд дар ин се ноҳияи номбурда на кам аз 13 ҳазор гектар замини обӣ лозим меояд, ки дар ҷадвали 2 ба пуррагӣ таҳлили он нишон дода шудааст.




**Сарчашма: тахияи муаллиф**

**Расми 1. - Маҳсулоти асосӣ ва иловаӣ аз коркарди лаблабуи қанд**

Дар диссертатсия доир ба техникаи истеҳсоли шакар ба таври васеъ нишон дода шудааст, ки он солҳои сол азбар карда шудааст. Технологияи коркарди шакар бо таври 24 соат дар як шабонарӯз фаъолияткунанда буда, дар ҳар як семоҳа ҷамъбаст карда мешавад.

Масалан, аз моҳи сентябр оғози фаъолияти кори корхона бошад, баъд аз 5-6 моҳи фаъолияташ метавонад ҷамбасти фаъолияти якумашро анҷом диҳад. Аз ҳама муҳим барои корхонаи коркарди шакар доимӣ таъмин намудани он бо маҳсулоти хом мебошад. Дар корхонаи коркарди шакар аз лаблабуи қанд раванди техникии он танҳо аз фишурдан ва хушконидани қанди лаблабу набуда, балки аз нигоҳдории лаблабуи қанд оғоз гардида, то ба нигоҳдории маҳсулоти тайёр идома меёбад.

**Ҷадвали 2. - Ҳиссаи заминҳои ноҳияҳо барои киштукори лаблабуи қанди лозимӣ барои фаъолияти як корхона** (ба ҳисоби гектар)

| № | Номгӯйи ноҳияҳои | Заминҳои категорияи кишоварзӣ дошта | Миқдори замини кишт барои лаблабуи қанд | Ҳиссаи замини ноҳияҳо барои кишту лаблабуи қанд | Миқдори истифодаи заминҳои кишоварзӣ аз ноҳияҳои муайянгардида |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Данғара | 40 360 | 5658 га | 41,4% | 14,01% |
| 2 | Восеъ | 26 856 | 4000 га | 29,3% | 14,9% |
| 3 | Фархор | 27 756 | 4 000 га | 29,3% | 14,41% |
| | **Ҳамагӣ** | **94 972** | **13 658** | **100%** | **14,44%** |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 2020 тартиб дода шудааст.*

Масалан, нигоҳдории лаблабуҳо ва ё то ба захира нигоҳ доштани он ҳатман дониш ва маҳорати техникиро талаб менамояд. Бо мақсади интихоби техникаҳои лозимӣ барои истеҳсоли шакар ҷараёни истеҳсоли шакар бо истифодаи ашёи хоми ватанӣ лаблабуи қанд ва шакари нимтайёр истифода карда мешавад. Асоси кори корхонаи истеҳсоли шакар ин дар коркарди лаблабуи қанд буда ва пеш аз ҳама, барои коркарди он таркиби лаблабуи қандро аниқ омӯхтан лозим меояд (ниг. ба расми 2).

Вобаста ба гуфтаҳои боло, дар диссертатсия арзиши истеъмоли лаблабуи қанд на танҳо дар он зоеъ мешавад, ки аз он шакар истеҳсол мегардад, инчунин, дар ҳолати ба роҳ мондани корхонаи истеҳсолии шакар аз лаблабуи қанд чунин миқдор маҳсулоти дигар истеҳсол кардан мумкин аст:

Аз шакари нимтайёр бошад, 95% шакар гирифтан мумкин аст, аммо дигар маҳсулот, ба монанди фишурда ва барги сабз гирифта намешавад. Танҳо дефекат ва паттока ( 4–4,5%) ба миқдори кам гирифтан имкон дорад .

**Ҷадвали 3. - Миқдор ва номгӯйи маҳсулоти асосию иловагӣ аз лаблабуи қанд**

| № | Номгӯйи маҳсулот | Миқдори баромади маҳсулот, бо фоиз | Аз як сентнер лаблабу | Баромад аз 630 ҳазор тонна, тонна | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Шакар | 15% | 15 | 94500 | Истеъмол ва коркард |
| 2. | Шакари нимтайёр | 20-25% | 20-25 | 126 000 157 500 | Маҳсулоти ниҳои |
| 3. | Барги сабз | Аз як гектар 20 тонна, аз 12,6 ҳазор гектар | | 252 000 | Истеъмол ва коркард |
| 4. | Дефекат (такшиншуда) | 8% | 8 | 50 400 | Коркард мешавад |
| 5 | Патока (меласса) | 5% | 5 | 31 500 | Коркард мешавад |
| 6 | Фишурда (жом) | 20% | 20 | 126 000 | Коркард мешавад |
| | Дар умум | 48% | 48 | 302 400 | Асосӣ ва коркард мешуда |

***Сарчашма:*** Ҷадвал дар натиҷаи таҳлил ва ҳисобҳо аз ҷониби муаллиф омода карда шудааст.

Мувофиқи таҳлилҳои доктори илмҳои иқтисодӣ Ҷамшед Алиҷонов, танҳо барои истеъмолоти аҳолӣ дар соли 2018 (аҳолии кишвар 9 млн. нафар буд ) 152,3 ҳазор тонна шакар лозим меояд, ки қариб 30-40 %-и дигар барои саноати хӯрокворӣ, соҳаи тиб ва

дигар соҳаҳо лозим меояд. Дар соли 2022 бошад, вобаста ба нишондоди сабади истеъмолӣ 200 ҳазор тонна шакар лозим меояд. Зиёда аз 165 ҳазор тонна шакар дар ҳамин сол ворид карда шудааст, ки 87 дарсади талаботи аҳолиро аз рӯйи нишондоди сабади истеъмолӣ бо шакар таъмин менамояд.

**Ҷадвали 4. - Миқдор ва номгӯйи махсулоти иловагие, ки аз таркиби фишурда (жом) ҳосил мегардад**

| № | Номгӯйи маҳсулот | Микдори бaромади махсулот, бо % | Аз як сентнер фишурда | Баромад аз 126 ҳазор тонна, тонна | Маҳсулоти ниҳоӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Тилф | 46% | 46 | 57 960 | Маҳсулоти ниҳоӣ |
| 2. | Протеини ҳазмшаванда | 2% | 2 | 2 520 | Маҳсулоти ниҳоӣ |
| 3. | Зол | 2% | 2 | 2 520 | Коркард карда мешавад |
| 4. | Пектин | 48% | 48 | 60 480 | Коркард карда мешавад |
| 5 | Сапанин | 2% | 2 | 2 520 | Коркард карда мешавад |
| | **Дар умум** | **100%** | **100** | **126 000** | |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар натиҷаи таҳлил ва ҳисобҳо аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст.*

Дар боби сеюм **"Самаранокии корхонаи истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ва дурнамои истеҳсоли шакар дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон"** доир ба фоидабахшӣ ва самаранокии кори пешбинишуда таҳлилҳо ба роҳ монда шудаанд. Самаранокии иқтисодии истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд то ба ҷанбаҳои охирини хароҷоти он ҳисоб гардидааст. Самаранокии иҷтимоӣ ва ба роҳ мондани корхонаҳои истеҳсоли шакар дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ин асос пешрафтҳои ҷиддӣ дар самти иҷтимоиёт ва беҳгардии сатҳи зиндагонии мардум нишон дода шуда, дурнамои истеҳсоли шакар дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, пешгӯйӣ карда мешавад, ки дар ояндаҳои наздик талабот ба ин маҳсулот зиёд шуда, нархи он низ пешбинӣ карда мешавад.

Сабаби аз ҳама муҳим будани арзиши истеҳсоли шакар дар он аст, ки маълум гардад, ки оё маҳсулоти истеҳсолии ватанӣ нисбат ба маҳсулоти воридотӣ арзиши дастрас дошта метавонад ё не? Бо ин мақсад фаъолияти як корхонаи истеҳсоли шакар бо зарфияти коркарди 630 000 тонна лаблабуи қанд *(шакар 94,5 ҳазор тонн)* ва 73 ҳазор тонна шакари нимтайёр дар як солро *(асоснокии ин миқдори лаблабу барои як корхонаи истеҳсоли шакар дар зербанди 2.1. оварда шуда буд)* таҳлил менамоем. Аз 6,67 кг

лаблабуи қанд 1 кг шакар *(дар кишварҳои хориҷӣ ин нишондод аз 7 кг зиёд мебошад),* ё ин ки дар кишвари мо аз 630 000 тонна лаблабуи қанд 94 500 тонна шакар истеҳсол кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 5. - Хароҷот барои истеҳсоли шакар ва арзиши аслӣ аз ашёи хоми ватанӣ (лаблабуи қанд)**

| № | Номгӯйи хароҷот | Хароҷот доллари ИМА барои 94.4 ҳ/т | Хароҷот бо сомонӣ барои 94.4 ҳазор тонна | Хароҷот барои 1 кг шакар, сомонӣ | Харачот бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ашёи хом – лаблабуи қанд | 41 814 159 | 472 500 000 | 5 | 89,92 |
| 2. | Меҳнат – музди маош | 1 274 336 | 14 400 000 | 0,15 | 2,73 |
| 3. | Қувваи барқ | 484 956 | 5 480 000 | 0,058 | 1,04 |
| 4. | Фарсудашавӣ (амортизатсия) | 1 297 000 | 14 656 100 | 0,15 | 2,78 |
| 5. | Андозҳо ва пардохтҳои гумрукӣ | 418 584 | 4 730 000 | 0,05 | 0,90 |
| 6. | Системаи обтаъминкунӣ ва обпартоӣ | 297805 | 3 365 200 | 0,35 | 0,64 |
| 7. | Алоқа, коммуникатсия | 334 513 | 3 780 000 | 0,04 | 0,71 |
| 8. | Дигар хароҷоти иловагӣ | 598 938 | 6 768 000 | 0,07 | 1,28 |
| | **Ҳамагӣ** | **45 800 898** | **525 679 300** | **5,87** | **100** |

***Сарчашма:*** муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ ва таҳлилҳои дар боло буда таҳия намудааст.

Барои пурра таҳлил намудани самаранокии иқтисодии шакар аз лаблабуи қанд бо се тарз ҳисоб менамоем: хароҷот барои истеҳсол бо маҳсулоти ватанӣ, хароҷот бо ворид намудани маҳсулоти воридотӣ ва хароҷот бо ҳисоби ҳам маҳсулоти воридотӣ ва ҳам маҳсулоти ватанӣ, ҳатмӣ мебошад.

Натиҷаи ба даст омадаи муаллиф дар ҷадвал нишон медиҳад, ки барои истеҳсоли як килограмм шакар 5,87 сомонӣ сарф мегардад *(бе дарназардошти андози арзиши изофа 18% ҳангоми ҳамроҳ кардан бошад, 6,9 сомониро ташкил медиҳад)* ва хароҷоти аз ҳама зиёд барои таъмини ашёи хом мебошад. Аммо ин барои боз ҳам аниқтар кардани арзиши аслии шакар хароҷоти сарфшудаи маҳсулоти ватаниро меорем.

Агар тамоми рӯзҳое, ки хароҷот ба он сарф гардидааст *(бе дарназардошти ашёи хом)* танҳо ба 180 рӯзи он дар назар гирем, чунин маблағро ташкил медиҳад: 180 рӯзи меҳнати сарфгардида 56,25 %-и хароҷоти сарфгардида ё ин ки, ки 22 251 000 сомониро ташкил медиҳад, ба истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ рост меояд. Дар натиҷа арзиши аслии

шакар ба 5,47 сомонӣ баробар мегардад. Ҳангоми зам кардани 18% андози арзиши изофа, ки 0,95 сомониро ташкил медиҳад, ба 6,47 сомонӣ баробар мегардад.

Аз ин маблағи нишон додашуда қариб 80 дарсадаш фоидаи деҳқонҳои лаблабукор мебошад. Барои боз ҳам паст кардани арзиши аслӣ ё ин ки барои пасттар кардани хароҷоти ашёи хом мебояд чунин корҳоро ба сомон расонид:

Аз ҷадвал дида мешавад, ки барои истеҳсоли як килограмм шакар 6,01 сомонӣ сарф мегардад *(бе дарназардошти андози арзиши изофа 18%/1,08 сомонӣ якҷоя бошад 7,09 сомониро ташкил медиҳад)* ва нисбат ба арзиши шакари истеҳсолӣ бо ашёи ватанӣ 0,20 сомонӣ зиёдтар мебошад.

Тамоми рӯзҳое, ки хароҷот ба он сарф гардидааст *(бе дарназардошти ашёи хом)* танҳо ба 140 рӯзи он дахл дорад, чунин мебошад: 43,75 %-и хароҷоти сарфгардида, ки 19 741 605 сомониро ташкил медиҳад, ба истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ рост меояд.

**Ҷадвали 6. - Хароҷот барои истеҳсоли шакар аз ашёи хоми воридотӣ (шакари нимтайёр)**

| № | Номгӯйи хароҷот | Хароҷот бо доллари ИМА 70 ҳ/т | Хароҷот бо сомонӣ 70 ҳаз. тона. | Хароҷот барои 1 кг шакар | Хароҷот бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ашёи хоми воридотӣ | 32 627 000 | 327 060 000 | 4,67 | 87,39 |
| 2. | Меҳнат – музди маош | 1 274 336 | 14 400 000 | 0,20 | 3,41 |
| 3. | Қувваи барқ | 484 956 | 5 480 000 | 0,078 | 1,30 |
| 4. | Фарсудашавӣ (амортизатсия) | 1 297 000 | 14 656 100 | 0,21 | 3,47 |
| 5. | Андозҳо ва пардохтҳои гумрукӣ | 418 584 | 4 730 000 | 0,067 | 1,12 |
| 6. | Системаи обтаъминкунӣ ва обпартоӣ | 297805 | 3 365 200 | 0,048 | 0,79 |
| 7. | Алоқа, коммуникатсия | 334 513 | 3 780 000 | 0,054 | 0,89 |
| 8. | Дигар хараҷоти иловагӣ | 598 938 | 6 768 000 | 0,096 | 0,89 |
| 9. | Дастраснамои шакари нимтайёр то ба корхона | 598 938 | 41 630 000 | 0,59 | 1,63 |
| | **Ҳамагӣ** | **37 668 000** | **425 649 300** | **6,01** | **100** |

***Сарчашма:*** *худи муаллиф дар асоси адабиётҳои илмӣ ва таҳлилҳои дар боло буда таҳия намудааст.*

Дар ин ҳолат суммаи хароҷот ба 388,431 млн сомонӣ *(ҳосили ҷамъи 43,75 %-и хароҷотҳо, ҷамъи хароҷоти дастраснамоӣ ва арзиши аслии шакари нимтайёр)* барои истеҳсол намудани 70 ҳазор тонна шакар аз ашёи воридотӣ мебошад. Арзиши

аслии шакар бошад ба 6,80 сомонӣ баробар мегардад. Ин нишондиҳанда нисбати шакаре, ки аз маҳсулоти хоми ватанӣ омода мегардад, 0,30 сомонӣ гаронтар мебошад.

**Ҷадвали 7. - Хароҷот барои истеҳсоли шакар аз ашёи хоми ватанӣ (лаблабуи қанд) ва ашёи нимтайёри воридотӣ**

| № | Номгӯйи хароҷот | Хароҷот бо доллари ИМА барои 164,5 х/ т | Хароҷот бо сомонӣ барои 164,5 х/т | Хароҷот барои 1 кг шакар | Харо-ҷот бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ашёи хом – лаблабуи қанд | 41 814 159 | 472 500 000 | 2,87 | 52,50 |
| 2. | Меҳнат – музди маош | 1 274 336 | 14 400 000 | 0,087 | 1,61 |
| 3. | Қувваи барқ | 484 956 | 5 480 000 | 0,034 | 0,61 |
| 4. | Фарсудашавӣ (амортизатсия) | 1 297 000 | 14 656 100 | 0,089 | 1,63 |
| 5. | Андозҳо ва пардохтҳои гумрукӣ | 418 584 | 4 730 000 | 0,029 | 0,52 |
| 6. | Системаи обтаъминкуни ва обпартоӣ | 297805 | 3 365 200 | 0,020 | 0,42 |
| 7. | Алоқа, коммуникатсия | 334 513 | 3 780 000 | 0,23 | 0,42 |
| 8. | Дигар хароҷоти иловагӣ | 598 938 | 6 768 000 | 0,023 | 0,75 |
| 9. | Ашёи хоми воридотӣ | 28 943330 | 327 060 000 | 1,99 | 36,16 |
| 10. | Дастраснамоӣ | 3 684 000 | 41 630 000 | 0,25 | 4,45 |
| | **Ҳамагӣ** | **79 147700** | **894 369 300** | **5,62** | **100** |

Сарчашма: *Муаллиф дар асоси адабиётҳои илмӣ ва таҳлилҳои дар боло таҳия намудааст.*

